«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон Насриддинзода Э. С.
________________________
«___» ___________ соли 2025

# ХУЛОСАИ

## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **"Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси *10.01.10 – Рӯзноманигорӣ* дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Қаландаров Сарабек Давлатёрович** соли 1996 факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти Шарқ (забони арабӣ) бо дипломи аъло хатм карда, фаъолияти омӯзгории худро аз соли 1996 ба ҳайси ассистенти кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи факултети журналистикаи донишгоҳи мазкур оғоз намудааст. Солҳои 2003 – 2008 ба ҳайси муаллими калон ва аз соли 2008 то ин замон ба ҳайси дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамзамон, солҳои 2005-2008, 2011-2016 ба ҳайси муовини декани факултети журналистика оид ба таълим ва солҳои 2009-2012 мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон адои вазифа

намудааст. Аз моҳи ноябри соли 2021 то ҳол дар вазифаи мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистика фаъолият дорад.

Қаландаров Сарабек Давлатёрович соли 2006 дар мавзуи «Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш» диссертатсияи номзадӣ ҳимоя карда, муаллифи беш аз 39 мақолаи илмӣ, 2 монография ва 6 дастури таълимӣ-методӣ мебошад.

Мушовири илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муқимов М. А. мебошад.

Мавзуи диссертатсияи доктории Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26.01.2010, таҳти қарори № 07 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар ҷаҳони муосир сарфи назар аз шакли давлатдорӣ ва низомҳои гуногуни сиёсӣ, дар таҳкими қудрат, ислоҳ, пешрафт ва ҳамчунин муносибату ҳамкориҳои кишварҳои гуногун ВАО ба сифати пуртаъсиртарин василаи иттилоърасонӣ ва таҳкими равобити гуногунсатҳ боқӣ мемонад. Бахусус, дар шароити муосир, ки саросари ҷаҳон, махсусан олами ислом, пур аз воқеаҳои ҳузнангез гардидааст, ВАО дар инъикоси вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои гуногун нақши муҳим гузошта метавонад.

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои абардқудрат ВАО-ро на танҳо василаи таъмини ҷомеа бо иттилооти муҳим, балки ҳамчун аслиҳаи таблиғ ва татбиқи ҳадафҳои хеш истифода мебаранд. Аз ин рӯ, дар шароити рақобати иттилоотӣ тамоми давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки дар самти таблиғу ташвиқи ҳадафҳои худ фаъол ва устувор бошанд.

Дар баробари ин ВАО метавонад, дар ташкил ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи кишварҳои мухталиф замина ва шароит фароҳам орад. Таҷрибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (КАХФ) собит месозад, ки дар раванди оммавигардонии муносибатҳои ин кишварҳо ВАО нақши бориз дорад.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати хориҷии худ бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳоро муайян намудааст. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар бо аксарияти кишварҳои араб, ба хусус, кишварҳои араби Халиҷи Форс муносибатҳои дипломатӣ рушд ва таҳким ёфтааст.

Муаллифи диссертатсия ба таври муфассал оид ба мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир, раванди муносибатҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб, хосса кишварҳои араби Халиҷи Форс дар воситаҳои ахбори оммаи ҳам Тоҷикистон ва ҳам кишварҳои араб пажуҳиш анҷом дода, перомуни масъалаҳои гуногуни марбути масъала хулосаҳои дақиқ баровардааст.

Омӯзишҳо нишон медиҳад, ки муносибати ВАО-и кишварҳои ду ҷониб ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамдигар яксон набудааст. Дар баробари гуногунмавқеӣ ва диду назари мухолиф ВАО-и кишварҳо кӯшиш намудаанд, ки ба воқеиятҳои ҳамдигар холисона муносибат намоянд. Ба ин манзур, чигунагии мавқеъ, тарзи муносибат ва дараҷаи инъикоси воқеиятҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ дараҷаи муҳиммияти таҳқиқи ин мавзуъро асоснок мегардонад.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

– таҳқиқи мавқеи кишварҳои араб дар фазои ҷаҳони муосир;

– баррасии ҷанбаҳои таърихии робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабон;

– таҳлили вазъи кунунии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс;

– баррасии таърихи мухтасари Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар);

– муайян намудани дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Агентиҳои иттилоотии араб;

– омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаъҳои мавзуӣ ва ҳунарии инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотӣ;

– баррасии вижагиҳои мундариҷавии маводи АМИТ “Ховар” ва “Азия-Плюс” марбут ба воқеаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс;

– ба таври муқоисавӣ муайян намудани маводи сомонаи иттилоотии “Pressa.tj”;

– муайян намудани вижагиҳои жанрии маводи ВАО доир ба воқеаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс.

Ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон, бахусус Агентии иттилоотии Саудӣ (وكالة الانباء السعودية), Агентии иттилоотии Қатар (وكالة الانباء القطرية), Агентии иттилоотии Аморот (وكالة انباء الامارات), АМИТ “Ховар”, “Азия-Плюс” ва сомонаи “Pressa.tj” мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои назариявии муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Т.Н. Назаров,, З. Ш. Сайидзода, Н.М. Мирзоев, Х.Д. Самиев, А.Н. Шарипов, Т. Мардонӣ, А.Сатторзода, Р.Ш. Нуриддинов, И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ҷ. Муқим, З. Муъминҷонов, Р. Бобоҷонова, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод, рус Е. М. Примаков, А.М. Василев , А.В. Федорченко, А.В. Крылов, А.Б. Подтсероб, Г.Г. Косач, М. А. Сапронова, Е. С. Мелкумян, И.А. Александров, А. И. Яковлев, В.А. Исаев, А.О. Филоник, Б. Г.Сейранян, Э.О. Касаев, А. С. Байбаков, А. Г. Бакланов, Р. Уолд Эллен, А. Р. Аганин А.З. Егорин, С.В. Жданов, Е. Прохоров, В. Учёнова, В. Ворошилов, А. Тертичний ва араб доктор Форуқ Абузайд (فاروق ابو زيد), Абдураҳмон аш-Шабилӣ (عبد الرحمن الشبيلي), Муҳаммад Абдураззоқ ал-Қашъамӣ (محمد عبد الرزاق القشعمي), Муҳаммад Абдураҳмон аш-Шомих ( محمد عبد الرحمن الشامخ), Фуод Асъад Камохӣ (فؤاد اسعد كماخي), Солеҳ Шокир Ватут ( صالح شاكر وتوت), Абдулҷавод Саъид Рабиъ (عبد الجواد سعيد ربيع) ва дигарон ташкил медиҳанд.

Муаллифи диссертатсия дар раванди омӯзиш ва пажуҳиши нақши ВАО дар инъикоси раванди муносибату ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ичтимоию фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс усул ва роҳҳои гуногун, аз қабили методҳои таърихӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, маълумотдиҳӣ ва таҳлили контентӣ истифода намудааст. Ҳамчунин, барои таҳқиқи маводи ВАО-и гуногун аз усулҳои таҳлили анъанавӣ, муқоисавӣ, контентӣ ва шарҳу тафсири оморӣ кор гирифта шудааст, ки бо раҳнамоии онҳо хусусиятҳои мавзуиву жанрӣ, таносуби ҳақиқат ва дурӯғ, оҳангҳои иҷтимоӣ, муҳиммият ва аҳаммияти матолиби ҷудогонаи публитсистӣ муайян карда шуда аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки** дар диссертатсия бори аввал нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳқиқ шудааст. Дар ин робита:

– мавқеи кишварҳои араб дар фазои геополитикии ҷаҳони муосир баррасӣ гардида, ҷанбаҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабии Халиҷи Форс муайян карда шуд;

– доир ба таърихи Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар) маълумоти тоза оварда шуда, дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар заминаи ҳамин агентиҳо баррасӣ шуд;

– инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар расонаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс ва бозтоби рӯйдодҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ВАО-и Тоҷикистон ба таври муқоиса муайян карда шуд;

– вижагиҳои жанрии маводи марбут ба воқеиятҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араб дар ВАО-и мутақобила таҳлил ва баррасии илмӣ гардид.

Диссертатсияи доктории Қаландаров Сарабек Давлатёрович аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, арзиши назариявиаш дар он зоҳир меёбад, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсия донишҳои илмиву назариявиро дар самти шинохти касбии ҳамкориву робитаҳои мутақобилаи кишварҳо,

нақши ВАО дар инъикоси воқеиятҳои дуҷониба, таҳкими муносибатҳо, ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва амсоли ин вусъат мебахшад. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаҳои дипломатия, журналистикаи байналхалқӣ ва муносибатҳои гуногунсамти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб истифода кард. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсияро метавон зимни тадриси таърихи журналистикаи хориҷӣ, хоса ВАО-и кишварҳои араб, ВАО ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва курсу семинарҳои махсус оид ба журналистикаи хориҷӣ мавриди истифода қарор дод.

Муҳтавои диссертатсия дар 1 монография, 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Монография:

**[1-М].** Қаландаров, С. Д. Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (дар заминаи маводи оҷонсиҳои иттилоотӣ). Монография / С. Д. Қаландаров. – Душанбе, 2024. – 164 с.

### II. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти *Ҷумҳурии Тоҷикистон:*

**[2-М].** Қаландаров, С. Д. Иттилоъ – сарчашмаи ҳамкориҳои судбахш / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2011. – № 4 (68). – С. 364-367.

**[3-М].** Қаландаров, С. Д. Шарҳи воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон дар сомонаи Агентии иттилоотии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/9 (185). – С. 298-302.

**[4-М].** Қаландаров, С. Д. Шеваи инъикоси сафарҳои расмии Президент дар расонаҳои арабӣ / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/4 (206). – С. 309-314.

**[5-М].** Қаландаров, С. Д. Инъикоси Тоҷикистон аз нигоҳи «Алҷазира» ва муқоиса бо сомонаи арабии «Би-би-си» / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/5 (209). – С. 248-251.

**[6-М].** Қаландаров, С. Д. Ҳақиқат ва таҳриф дар инъикос ва шарҳи воқеиёти Тоҷикистон аз нигоҳи сомонаҳои арабӣ / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/6. – С. 287-292.

**[7-М].** Қаландаров, С. Д. Воқеияти Тоҷикистон дар расонаҳои Қатар / С. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 2. – С. 259-263.

**[8-М].** Қаландаров, С. Д. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар мусоҳибаҳои Президенти Тоҷикистон (дар асоси маводи матбуоти араб) / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 3. – С. 300-305.

**[9-М].** Қаландаров, С. Д. Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Эмомалӣ Раҳмон (дар асоси маводи матбуоти араб) / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 305-310.

**[10-М].** Қаландаров, С. Д. Нақши ВАО дар баррасии вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 2. – С. 310-316.

**[11-М].** Қаландаров, С. Д. Инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон дар нашрияҳои Кувайт / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 294-302.

**[12-М].** Қаландаров, С. Д. Моҳият ва рисолати ҳамкориҳои Тоҷикистон ва инъикоси он дар Агентии иттилоотии Аморот / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 6. – С. 287-293.

**[13-М].** Қаландаров, С. Д. Баррасии ҳаводиси Тоҷикистон дар нашрияҳои Амороти Муттаҳидаи Араб / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 7. – С. 275-282.

**[14-М].** Қаландаров, С. Д. Шабакаҳои иттилоотии араб ва нақши онҳо дар инъикоси ҳаводиси «Баҳори араб» [Матн] / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 293-298.

**[15-М].** Қаландаров, С. Д. Мавқеи ширкати телевизиони байналхалқии "Ал-Ҷазира" дар фазои иттилоотии ҷаҳони муосир / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 419-424.

**[16-М].** Қаландаров, С. Д. Нигоҳи матбуоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 274-283.

**[17-М].** Қаландаров, С. Д. Тоҷикистон дар оинаи Агентии иттилоотии Баҳрайн / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 252-258

**[18-М].** Қаландаров, С. Д. Нақши давлатҳои араб дар ҷаҳони муосир / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 8. – С. 263-271.

**[19-М].** Қаландаров, С. Д. Назаре ба мавқеи сиёсиву иқтисодии ШАС дар минтақа ва ҷаҳон / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 251-257.

**[20-М].** Қаландаров, С. Д. Инъикоси равобити гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Қатар дар ОИ "Азия-Плюс" (ASIA-Plus) / С. Д. Қаландаров // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2024. – № 4 (20). – С. 180-186.

**[21-М].** Қаландаров, С. Д. Бозтоби муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар АМИТ «Ховар» / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2024. – № 4-2 (37). – С. 155-164.

**[22-М].** Қаландаров, С. Д. Мавқеи жанри хабар дар маводи расонаҳои иттилоотии кишварҳои арабии Халиҷи Форс роҷеъ ба Тоҷикистон / С. Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 10. – С. 354-362.

### III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

#### Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар:

**[23-М].** Қаландаров, С. Д. Тоҷикистон аз нигоҳи расонаҳои интернетии кишварҳои араб / С. Қаландаров // Замони муосир ва журналистика (маводи конференсияи байналхалкии илмии амалии «Замони муосир ва журналистика: проблемаҳои ҳуқуқ ва озодии сухан» (ДМТ, 2011). – Душанбе, 2011. – С. 73-78.

**[24-М].** Қаландаров, С. Д. Равзанаи таъсир ба афкор дар сомонаҳои арабӣ / С. Д. Қаландаров // Журналистикаи байналхалқӣ VIII (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Сармад-Компания, 2017. – С. 62-69.

**[25-М].** Қаландаров, С. Д. Фазои иттилоотии арабӣ ва шинохти Тоҷикистон / С. Д. Қаландаров // Журналистика ва замони муосир (Масъалаҳои назарӣ ва таърихи матбуоти даврии тоҷик). Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи матбуот ва ба ифтихори 60-солагии омӯзгор ва муҳаққиқи журналистика Шарифзода Қироншоҳ, 10.03.2018). – Душанбе, 2018. – С. 91-98.

**[26-М].** Қаландаров, С. Д. Мавқеи оҷонсиҳои иттилоотии араб дар фазои иттилоотии ҷаҳони муосир / С. Д. Қаландаров // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии “Медиалингвистика ва услубшиносӣ:

проблема ва дурнамо” ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (ДМТ, 22 – 23. 10. 2020). – Душанбе, 2020. – С. 185-194.

**[27-М].** Қаландаров, С. Д. Нигоҳи матбуоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон / С. Д. Қаландаров // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии “Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо” ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (ДМТ, 22 – 23. 10. 2020). – Душанбе, 2020. – С. 312-326.

**[28-М].** Қаландаров, С. Д. Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Эмомалӣ Раҳмон / С. Д. Қаландаров // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ, 2023). – Душанбе, 2023. – С. 550-558.

**[29-М].** Қаландаров, С. Д. Мавқеи жанрҳои “Ҳисобот” ва “Мусоҳиба” дар инъикоси муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои арабӣ / С. Д. Қаландаров // Воситаҳои ахбори омма ва забони миллӣ (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2025. – С. 159-176.

Дар чаласаи афедраи журналистикаи байналхалқӣ қарор қабул карда шуд, ки ба мавзуи диссертатсияи Қаландаров С. Д., ки қаблан дар шакли “Саҳми ВАО-и арабзабон дар таҳкими робитаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араб” тасдиқ шуда буд, тағйирот ва тасҳеҳи зарурӣ ворид гардида, дар низоми ҳуҷҷатнигорӣ номи саҳеҳи мавзуъ “Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб)” ҳисобида шавад.

Кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёровичро дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 16 нафар, аз ҷумла 8 доктори илм аз рӯйи ихтисос. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратмаҷлиси № 6 аз 07 январи соли 2025

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи байналхалқӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

**МУДИРИ КАФЕДРА:**
номзади илми филологӣ, дотсент Самадова М. Т.

**КОТИБИ ИЛМӢ:**
номзади илми филологӣ, дотсенти
кафедраи журналистикаи байналхалқӣ Ёқубов Ҷ. Н.

*«Имзоҳои Ҳошимзода Б.Ҳ., Самадова М. Т. ва Ёқубов Ҷ.Н.-ро тасдиқ мекунам»*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** Тавқиев Э.Ш
07. 01. 2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шахри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тамос: (+992 37) 2217711
Сайт: www.tnu.tj